# ФАРМОИШИ
## ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «04» 12 соли 2017 № 6295 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2017,
№ 17/4

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2017, № 17/4 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2017, № 17/4 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).
2. Раёсати илм ва инноватсия (А. Холов) иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илм Р. Мирбобоев гузошта шавад.

Асос: қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2017, № 17/4

Вазир Нуриддин Саид

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Муовини якуми вазир
Раёсати илм ва инноватсия
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

# ҚАРОРИ
# МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"23" 11 соли 2017 № 17/4 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф"-ро баррасӣ намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. "Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Низомномаи намунавии Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф"- ро барои иҷро ба роҳбарӣ гиранд.
3. Раёсати илм ва инноватсия (А. Холов) риояи Низомномаи мазкурро дар муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф зери назорат қарор диҳад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Р.Мирбобоев гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид